# СУРАТҶАЛАСАИ №17/07-КЭ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

аз 04 январи соли 2025

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқшуда, 9 нафар иштирок доштанд: Сафаров Ш.А. - раиси шуро, Ҳоҷиматова Г. – муовини раиси шуро, Муҳиддинзода Б. – котиби илмии шуро, аъзои шуро: Каримова И.Х., Иматзода Л.М., Шербоев С., Раҳимзода Х., Рӯзиева Л.Т., Давлатшоев И. аз ҷумла 5 нафар докторони илм доир ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМА:

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи “Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъйин кардани комиссияи экспертӣ, **ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯйи масъалаи якум гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Муҳиддинзода Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи

намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи "Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик", ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, барои экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Лутфуллозода М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;
- Раҳимзода Х. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои комиссия;
- Гулмадов Ф. – доктори илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: "Тарафдор" – 9 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест.

3. Комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати муайяншуда хулосаи комиссияи экспертиро ба шуро пешниҳод намояд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Сафаров Ш.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Муҳиддинзода Б.**

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Муҳиддинзода Б.-ро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

АКАДЕМИЯИ ... ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ